«Тасдиқ мекунам»
ректори ДМТ, профессор

________Хушвахтзода Қ. Х.
«__2__»____12____2022с.

**Хулосаи**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

доир ба диссертатсияи Нодирхонов Гулназар Гулбозхонович дар мавзуи **«Ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон ва таъмини амнияти он дар шароити таҳавулоти глобалии ҷаҳони муосир» (таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ),** ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафӣ аз рӯйи ихтисоси 09.00.11- фалсафаи иҷтимоӣ дар кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафа иҷро шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафа иҷро шудааст. Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шӯрои олимони факултети фалсафа аз 01.05.2019, суратмаҷлиси №9 тасдиқ гардидааст.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Нодирхонов Гулназар Гулбозхонович ҳамчун унвонҷӯи кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт. Номбурда аз соли 2013 то имрӯз дар вазифаи ассистенти кафедраи мазкур фаъолият мекунад. Соли 2013 факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси фалсафа хатм кардааст.

Роҳбари илмии унвонҷӯ- доктори илмҳои фалсафа, дотсент Муминов А. И. мебошад.

Кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафа дар асоси баромади муқарризон ва муҳокимаи аъзои кафедра хулосаи зеринро қабул кард:

Диссертатсяи Нодирхонов Г. Г. кори илмии анҷомёфта буда, дорои арзишу аҳамияти назарию амалӣ ва навгонии илмӣ мебошад. Он мустақилона иҷро гардида, дорои натиҷаҳои арзишманди илмӣ мебошад.

Дар рафти тадқиқоти илмӣ ва таҳияи диссертатсия, муаллиф аз усул ва равишҳои маъмули илмҳои ҷомеашиносӣ истифода намуда, масъалаҳои иттилоот ва таъмини амнияти он дар ҷомеаи Тоҷикистонро мавриди таҳқиқ қарор дода, натиҷаҳои назарраси илмиро ба даст овардааст. Гуфтан ҷоиз аст, ки диссертатсия бо методологияи дурусти илмӣ таҳия гардида, дорои арзиши баланди илмию методологӣ мебошад.

Мафҳумҳои асосии таҳқиқот- ҷомеаи иттилоотӣ, бехатарии иттилоотӣ, фазои иттилоотӣ, ҷомеаи постиндустриалӣ, технологияҳои ҷомеаи иттилоотӣ, манбаъҳои иттилоотӣ, ҷаҳонишавӣ, раванди иҷтимоӣ- фарҳангӣ, таъсири ҷаҳонишавӣ, тағйирёбии фазои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ҷомеаи тоҷикистонӣ, ҷомеаи ҷаҳонӣ, арзишҳо ва ғ. муфассал ва тавассути методологияи дурусти илмӣ таҳлил гардидаанд.

Дар диссертатсия, муаллиф аз методҳои назариявӣ ва амалии донишҳои илмӣ, аз ҷумла мушоҳида, муқоиса, санҷиш, таҳлил ва таркиб, коркарди мавод, усули герменевтикӣ, аксиологӣ ҷамъбастнамоӣ, воқеъбинӣ, илмият, мантиқият, таърихият ва ҳамчунин, аз усулҳои умумиилмии таҳлил, таркиб, таҷрид, индуксия, дедуксия, умумиятдиҳӣ низ ба таври васеъ истифода намудааст.

Мақсади асосии таҳқиқи рисолаи мазкур ташхису баррасии илмӣ, омӯзиш, равшану возеҳ ва ошкор намудани оқибатҳои харобиовари таҳдиду хатарҳои мавҷудаи замон, муайян намудани зарурати сатҳи омодагии мамлакат (шахс, давлат, ҷомеа) ба давраи гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ, мушаххас намудани нақши технологияи иттилоотӣ ва шабакаҳои иттилоотӣ дар дигаргунсозиҳои фазои иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеаи тоҷикистонӣ, инчунин аҳамият ва арзиши таъмини амнияти

иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди рушдёбии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити глобалии замони муосир мебошад.

Муаллиф дар раванди таҳқиқи илмӣ иштироки фаъол намудааст. Ҳамчунин, ҳангоми муайян намудани мақсадҳои асосӣ, тадқиқотҳои назариявии бадастоварда ва роҳҳои ҳалли натиҷаю хулосавии он иштирокчӣ ва саҳмгузор мебошад. Мақолаҳои илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда оид ба мавзуи таҳқиқотӣ, аз ҷониби муаллифи диссертатсия ба чоп расонида шудаанд, ҷанбаъҳои муҳимтарини диссертатсияро инъикос менамоянд.

Ҷанбаи назариявиву амалӣ ва навоварии кор дар он зоҳир мегардад, ки дар он кӯшиш карда шудааст, то дар асоси таҳлили маводи муътамади мавҷуда, таҳлили ҳолати таҳқиқоти масъалаи воқеият дар фалсафаи иҷтимоӣ ва таъсири ҷаҳонишавӣ ба равандҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон бамиёномадаро анҷом диҳад. Дар рисола ба масъалаҳои меҳварӣ, ки чун навоварӣ эътироф мегардад, таваҷҷуҳи ҷиддӣ равона гардидааст. Навоварии таҳқиқоти мазкурро мухтасаран метавон чунин баён намуд:

- мафҳумҳои асосии ифодакунандаи ҷомеаи иттилоотӣ ва амнияти иттилоотӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ муайян карда шудаанд;

- раванди ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар мамлакат ва нақши амнияти иттилоотӣ ҳамчун омили муҳими амнияти миллӣ дар рушди ҷомеаи муосир таҳлил гардид;

- нақши амнияти иттилоотии ҷомеаи тоҷикистонӣ дар суботи системаи иҷтимоӣ баҳогузорӣ карда шуд;

- таъсири ташаккули технологияи иттилоотӣ ва оқибатҳои воридшавии он ба амнияти иттилоотии ҷомеаи тоҷикистонӣ асоснок карда шуд;

- амнияти иттилоотӣ ҳамчун омили афзалиятноки таъминоти амнияти миллии Тоҷикистон муҳим арзёбӣ шуд ва ба ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ таъсири мусбат расонид;

- самтҳои асосии устувории системаи амнияти иттилоотӣ ва чораҳои асосии муқовимат ба таҳдиду хатарҳои ба системаи амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронидашуда пешниҳод гардид.

Натиҷаҳои бадастоварда ва хулосаҳои ҷамъбастшудаи диссертатсияро низ метавон дорои арзиши баланди илмӣ ва амалӣ арзёбӣ намуда, онҳоро барои иҷрои тадқиқотҳои илмӣ дар соҳаи фалсафаи иҷтимоӣ, фарҳангшиносӣ, ҷомеашиносӣ ва ахлоқ, инчунин, ҳангоми таҳия кардани маҷмӯаҳои таълимӣ-методӣ, тавсияҳои илмӣ-методӣ ва курси мухтасари лексияҳо оид ба фалсафаи иҷтимоӣ, фалсафаи илм ва дигар илмҳои ҷомеашиносӣ тавсия намуд.

Илова бар ин, маводи таҳқиқшуда, натиҷа ва хулосаҳои бадастомадаро ҳангоми хондани курсҳои махсус ва тадриси фанни фалсафаи иҷтимоии тоҷик низ истифода намуд.

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф моҳияти диссертатсияро фаро гирифта, ба он ҳамоҳанг карда шудаанд.

Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда чоп шудаанд:

1. Нодирхонов Г.Г. Иттилоот ва гуногунии системаҳои иҷтимоӣ// Паёми донишогҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе.- 2019 №10.- С. 143-147.
2. Нодирхонов Г.Г. Мафҳуми субот ва носуботӣ дар системаиҳои иҷтимоии ҷомеа// Паёми донишогҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе.- 2020.-№3.- С.169-174.
3. Нодирхонов Г.Г. Ҷомеаи иттилоотӣ ва бехатарии он дар таҳқиқоти муҳаққиқони ғарбӣ// Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шӯъбаи илмҳои ҷомеашиносӣ. Душанбе.-2021. №1(262).- С. 26-31. (Ҳаммуаллиф: Муминов А.И.)

4. Нодирхонов Г.Г. Нақши иттилоот дар ҷомеаи муосир// Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шӯъбаи илмҳои ҷомеашиносӣ. Душанбе.-2021. №4.- С. 135-139.
5. Нодирхонов Г.Г. Мақоми иттилоот дар системаи амнияти иттилоотӣ// Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷомеашиносӣ. Душанбе.-2021. №2 (014).- С. 129-136. (Ҳаммуаллиф: Муминов А.И.)
6. Нодирхонов Г.Г. Ҷомеаи иттилоотӣ ва бехатарии он дар таҳқиқоти муҳаққиқони ғарбӣ// Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шӯъбаи илмҳои ҷомеашиносӣ. Душанбе.-2021. №1(262).- С. 26-31. (Ҳаммуаллиф: Муминов А.И.)

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар он аст, ки ӯ тавонистааст, мавзуи мубрами ҷомеаи муосирро интихоб, мақсад ва вазифаҳоро муайян, объек ва предмети таҳқиқоти худро бо услуби дурустии илмӣ мушаххас намояд. Ҳамчунин, маводи зиёди илмиро таҳлилу муқоиса намуда, хулосаҳои арзишманди илмӣ пешниҳод намояд.

Муаллифи диссертатсия мафҳум ва моҳияти «иттилоот»-ро дар шакли мушаххас баррасӣ намуда, раванди сайёравии универсаликунонии самтҳои арзишии умумиинсонӣ, талаботҳои маънавӣ-ахлоқӣ, амалияҳои иҷтимоию рафторӣ, раванди комуникатсионии ҷаҳонӣ ва муҳоҷират, густариши фарҳанги омавӣ, омилҳои асосии ташаккули муҳити иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар ҷаҳони муосир, кӯшиши халқҳо барои ҳамкорӣ, ғанигардонии мутақобилан судманди фарҳангҳо ва забонҳо ҳамкории иқтисодии миллатҳо, таъсири навовариҳо ба муҳити фарҳанги миллии тоҷикон, масоили ҳифзи анъанаҳои фарҳангӣ, ҳифзи фазои фарҳангӣ, менталитет, хислати миллӣ, хотираи таърихӣ, анъанаҳои миллӣ, рамзҳо ва ғ.-ро бо маҳорати баланди илмӣ таҳлил намудааст.

Номи мавзуъ, сохтор ва таркиби диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 09.00.11-фалсафаи иҷтимоӣ мувофиқ буда, бо «Номгӯи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 4 декабри соли 2014, №765 тасдиқ шудааст, алоқамандии зич дорад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Нодирхонов Гулназар Гулбозхонович дар мавзуи «Ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон ва таъмини амнияти он дар шароити таҳавулоти глобалии ҷаҳони муосир» (таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ) аз рӯйи мазмуну мундариҷа бо ихтисоси 09.00.11-фалсафаи иҷтимоӣ пурра мувофиқат менамояд. Мақолаҳои чопнамудаи муаллиф ва автореферати диссертатсия муҳтавои асосии таҳқикотро инъиткос менамоянд. Диссертатсияи мазкур аз рӯйи сохтори худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи Нодирхонов Гулназар Гулбозхонович дар мавзуи «Ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон ва таъмини амнияти он дар шароити таҳавулоти глобалии ҷаҳони муосир» (таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ) аз рӯйи мазмуну мундариҷа бо ихтисоси 09.00.11-фалсафаи иҷтимоӣ кори мустаъқилона ва анҷомёфта буда, ба даври дуюми экспертизаи муассиса пешниҳод карда мешавад.

Хулосаи мазкур, дар маҷлиси кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи ДМТ 23 ноябри соли 2022 қабул гардид.

Дар маҷлис 15 нафар иштирок карданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 15 нафар; зид нест, бетараф - нест. Суратҷаласаи №4 аз 23. 11. 2022.

**Мудири кафедраи таърихи фалсафа**
**ва фалсафаи иҷтимоии факултети**
**фалсафаи ДМТ, н.и.ф., дотсент** **Амирхон Ш.Т.**

**Котиб. дотсент** **Давлатёров Ф.Н.**

**Имзои Амирхон Ш.Т.**
**ва Давлатов П.Н.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.**

2. 12. 22